## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Айюбзода Хуршеда (Холматова Хуршеда Айюбҷоновна) дар мавзуи «Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур ба таҳлили яке аз ҷанбаҳои забоншиносии когнитивӣ консептҳои «бойигарӣ», «wealth» ва «қашшоқӣ», «poverty» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, инчунин, ба муайян намудани арзишҳои умумифарҳангӣ бо мақсади таҳлил ва ошкор сохтани маънои ин консептҳо бар асоси фарҳангҳои тоҷикӣ ва англисӣ равона гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур муайян кардани тавсифи ҳаматарафа ва хусусиятноки консептҳои абстрактии "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот**, аз он иборат аст, ки дар диссертатсия аввалин маротиба методи тафсирии таҳқиқи мафҳумҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ", **"richness " and "poverty"** таркибҳои этимологӣ, сохторӣ-маъноӣ ва когнитивии онҳо муайян карда шудааст.

Аввалин маротиба мутобиқати усулҳои ташреҳи луғавӣ ва фразеологии ин мафҳумҳо дар забонҳои қиёсшаванда ошкор карда шудаанд.

Инчунин, мувофиқати таркибҳои когнитивие, ки решаи ин мафҳумҳоро ташкил медиҳанд дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян гардидаанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он дар таҷрибаи забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии когнитивӣ ва забоншиносии муқоисавӣ истифода мешавад. Инчунин, маводди таҳқиқот дар мураттабкунии фарҳангҳои фразеологизмҳо ва ибораҳои халқӣ мусоидат карда метавонанд. Аз маводди таҳқиқот тарҷумонҳо, фарҳангшиносон, ҷомеашиносон, омӯзгорону пажуҳишгарон ва донишҷӯён истифода карда метавонанд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот** ҳангоми машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ ҷиҳати омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди истифода қарор гирифта, инчунин, зимни тарҷумаи маводди соҳавӣ мусоидат мекунад. Муайян карда шуд, ки мафҳумҳои "бойигарӣ" ва "қашшоқӣ" асосан ба чор гурӯҳ тақсим мешаванд: инсон, пул, ғизо ва чизҳо. Ин таснифот ҳам арзишҳои умумфарҳангӣ ва ҳам хусусиятҳои хоси фарҳангиро таҷассум менамояд. Натиҷаҳои пажӯҳиш дар омӯзиши назариявӣ ва амалӣ забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин дар тарҷумаи матнҳои соҳавӣ истифода мешаванд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 13 параграф, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

Дар мавзӯи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 15 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд. Дар ин мақолаҳо масъалагузорӣ, муҳтаво ва натиҷаҳои муҳими тадқиқот ба таври муфассал инъикос ёфтаанд.

Муаллифро зарур аст, ки интихоби истилоҳи англисии мафҳуми «бойигарӣ»-ро дақиқ намояд — ***wealth***, ё ***richness***-ро истифода барад (дар саҳифаҳои аввал). Ҳамзамон баъзе камбудиҳои техникии ҷузъӣ қайд шудаанд, ки ба сохтор ва муҳтавои умумии кор таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи барасмиятдарории диссертатсия омода гардида, фишурдаи муҳтавои диссертасияро фаро мегирад. Бинобар ин, муаллифи диссертатсия Айюбзода Хуршеда сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои филология (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии таърихию муқоисавӣ ва типологӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
забонҳои Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ Бобоева Мадина Маруфовна

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур
кучаи 1. гуз. Қаротегин 11, ҳ.20
тел: (992) 881881470
e-mail: madiba82@mail.ru
«12» 05. 2025

Имзои Бобоева М.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ
ба номи М.С. Осимӣ Қодирзода Неъматулло Ҳабиб

Нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони
академикҳо Раҷабовҳо 10а
тел: (992) 918922242
«13» 05. 2025